## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба таҳқиқи диссертатсионии Давлатова Моҳшариф Олимовна «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте)», ки барои дарёфти дарҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои тоҷикӣ-русӣ-англисӣ дар асоси асарҳои бадеӣ барои рушди тарҷума, махсусан, тарҷумашиносии тоҷик заминаи мусоид фароҳам меорад.

Тарҷумашиносӣ ҳамчун илм дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX ба вуҷуд омада, диққати забоншиносону тарҷумашиносони соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Олимони соҳа кушиш ба харҷ додаанд, то дар ин самт корҳои назаррасе анҷом диҳанд. Бо вуҷуди таҳқиқоти мавҷуда, бештари ҷанбаҳои тарҷумашиносии тоҷик матраҳ нагардида, то имрӯз ҳалталаб боқӣ мондааст. Аз ҷумла, таҳқиқи типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои тоҷикӣ-русӣ-англисӣ дар асоси асарҳои бадеӣ то ба имрӯз аз тарафи муҳаққиқони соҳа ба таври мушаххас омӯхта нашудааст. Таҳқиқи он барои ҳалли як қатор масоили назариявию амалии тарҷумаи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бунёди асосӣ ва устувор ба шумор меравад. Ҳамин тавр, мулоҳизоти дар боло овардашуда аз аҳаммияти илмию амалӣ доштани мавзуи мавриди таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавӣ дар забоншиносӣ барои муайян кардани вижагии байни забонҳо аз нуқтаи назари корбурди дурусти воҳидҳои забонӣ, диққати муҳаққиқонро ҷалб намуда, дар муайян кардани чунин хусусиятҳо аҳаммияти муҳимми назарию амалӣ дорад ва барои ба роҳ мондани тарҷумаи мукаммал заминаи боэътимод фароҳам меорад. Аз ин рӯ, дар маркази ин таҳқиқ муайян кардани қолабҳо ва хусусиятҳои истифодаи дурусти воҳидҳои забонӣ дар соҳаҳои гуногуни муошират мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар муқаррар намудани мутобиқатҳои байнизабонӣ нақши тарҷума бориз аст, ки бешубҳа дар муқоисаи ду забон зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавӣ аз нигоҳи тарҷума метавонад ба таҳияи дурусти тарҷумаи мукаммал асос гузорад.

Аслан, таҳқиқи масъалаҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар тарҷумаи осори адибони тоҷику англис дар мадди назари мутахассисони соҳа қарор гирифтааст ва дар ин ҷода корҳои зиёди илмию амалӣ роҳандозӣ гардида истодааст, вале боз баъзе ҷанбаҳои он таҳлили амиқу дақиқро тақозо менамояд. Гарчанде омӯзишу тарҷумаи адабиёти бадеӣ ва баррасии вижагиҳои махсуси номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мушоҳида шавад ҳам, дар иртибот бо моҳияти номувофиқатии воҳидҳои забонӣ дар осори бадеӣ, дастурҳои таърифу таснифи онҳо дар интиқоли матни аслӣ ва тарҷума таҳқиқоти ҷудогонаие сомон напазируфтааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур ба мақсад мувофиқ аст, зеро мушкилоти тарҷума дар асари бадеӣ ва тағйирот ҳангоми тарҷума дар доираи асари бадеӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мебошанд.

Пажуҳиши мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти муқоисавӣ ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте бахшида шудааст.

Давлатова Моҳшариф Олимовна соли 2010 ба факултети забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмиллали забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода) дохил шуда, соли 2014 онро аз рӯйи ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил соли 2014 ба шуъбаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дохил шуда, зинаи мазкурро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм кардааст.

Фаъолияти кории М.О. Давлатова аз соли 2011 ба ҳайси омӯзгори забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Сино шуруъ шуда, соли 2015 дар вазифаҳои коргузор ва ассистенти кафедраи назария ва амалияи тарҷумаи ДДЗТ ба номи С. Улуғзода кор кардааст. Аз соли 2022 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ ва лотинии кафедраи анатомияи одам ва истилоҳоти тиббӣ-лотинии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" фаъолият карда истодааст.

Кори диссертатсионии Давлатова Моҳшариф Олимовна аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назарявии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷума»** муаллиф кӯшидааст, ки масъалаи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва омилҳои пайдоиши онҳо ва инчунин, принсипҳо ва меъёрҳои мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар боби мазкур баррасии таҳвилоти тарҷумавӣ ва номутобиқатӣ дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ сухан рафта, бо мисолҳои мушаххас хулосабандӣ гардидааст.

Боби мазкур аз 4 фасл иборат мебошад. Дар фасли якум **«Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва омилҳои пайдоиши онҳо»** дар забони аслӣ ва тарҷума боиси тавсеаёбии матни тарҷума мегардад ва зиёд будани ҳаҷми матни тарҷумашуда назар ба матни аслӣ аз хуб будани он шаҳодат намедиҳад. Бояд гуфт, ки омилҳои номутобиқатии воҳидҳои луғавӣ ва маълумотӣ миёни матни аслӣ ва матни тарҷума гуногун мебошанд. Ба қатори омилҳои асосии номутобиқатӣ миёни матни аслӣ ва тарҷума тафовут дар сохтори забон, тафриқаи фарҳангӣ ва номутобиқатии шаклҳои жанрӣ ва услубии забонҳои аслӣ ва тарҷумаро метавон дохил намуд. Тафовути мавҷуда боиси мураккаб ва душвор гаштани тарҷума мегардад, ки дар натиҷа, ба номутобиқатӣ дар тарҷума (номувофиқатӣ) оварда мерасонад. Дар ин фасл фикру ақидаҳои забоншиносон оид ба шарҳи номувофиқатӣ нишон дода шудааст.

Дар фасли дуюм **«Принсипҳои асосии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои аслӣ ва тарҷума»** буда, маълумот дар бораи принсипи функсионалии номутобиқатӣ дар раванди тарҷума дар таҳвили гуногуни маводи тарҷумашаванда зоҳир мегардад, оварда шудааст.

Фасли сеюм **«Меъёрҳои мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ»** номгузорӣ шуда, дар он меъёрҳои мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ баррасӣ гардидааст. Аслан, тарҷума равандест, ки тавассути он интиқоли дурусти мазмун ва муҳтавои матни аслӣ ба дигар забонҳо ба роҳ монда мешавад ва ҳангоми он дар сохтор ва муҳтавои матни аслӣ як силсила дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд. Дар илми

тарҷумашиносӣ масъалаи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад ва дорои ҷанбаҳои гуногун аст, ки онро дар раванди тарҷумаи асарҳои бадеӣ баръало мушоҳида мекунем.

Дар фасли чорум **«Баррасии таҳвилоти тарҷумавӣ ҳамчун пайомади номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ»** буда, доир ба шарҳи мураккабии усули таҳвили тарҷумавӣ барои ҳарчи наздиктар ва дақиқтар расонидани мундариҷаи матни аслӣ ба забони тарҷума ҳангоми тарҷума истифода мешавад, сухан меравад.

Боби дуюми рисола **«Номувофиқатӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ: мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодил дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ»** унвон гирифтааст ва дар он мушкилоти муодилнокӣ дар забонҳои тоҷикию русӣ, ва мушкилоти бемуодилӣ миёни забони манбаъ ва забони мақсад баррасӣ шудааст. Дар ин боб доираи васеи дараҷаҳои мутобиқатии воҳидҳои луғавии забонҳои аслӣ ва тарҷума аз ҷониби олимони соҳаи тарҷума мухталиф нишон дода шудааст. Боби мазкур аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар фасли якум **«Мушкилоти муодилнокӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ»** сухан оид ба мафҳуми **"мушкилоти муодилнокӣ"** меравад ва дар ин боб таҳлили намудҳои муодилнокӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли дуюм **«Мушкилоти бемуодилӣ миёни забони манбаъ ва забони мақсад»** таҳлили мушкилоти бемуодилӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар боби 3-юми диссертатсия **«Таҳлили номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ»** мебошад, ки дар он навъҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Боби мазкур аз чор фасл ва 13 зерфасл иборат мебошад, ки дар онҳо номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ, муҷоисаи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ, бадали воҳидҳои луғавӣ ва хатогиҳои тарҷумонӣ баррасӣ карда шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, ба далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
факултети тарҷумонии забони англисии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 48, ҳуҷраи 2.
Телефон: (+992) 882-89-17-17
Суроғаи электронӣ: havas3001@mail.ru

Имзои Ҳ.Т. Соҳибназароваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Телефон: 232-50-00

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

14.02.2025 с.